## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз руйи ихтисоси 6D021400-Адабиётшиносӣ (6D021403 - Таърихи адабиёт, равобити адабӣ)**

Ташаккули афкори адабиву ирфонӣ ва фалсафӣ, таҷассуми он дар оинаи осори арзишманди суханварону донишмандони гузашта аз он шаҳодат медиҳад, ки дар тамоми даврони рушди тамаддуни башарӣ осори манзум ва мансур ҳамчун воситаҳои муҳимтарини шарҳу тафсири матлабҳои фалсафӣ, андешаҳои ирфониву ҳикамӣ хидмат намуда омадааст. Маълум аст, ки дар аҳди аввали густариши тасаввуф аксари намояндагони барҷастаи он чун Иброҳими Адҳам, Мансури Ҳаллоҷ, Боязиди Бастомӣ, Зуннуни Мисрӣ, Абӯбакри Шиблӣ, Ҳасани Басрӣ ва дигарон дар ташаккули тасаввуфи амалӣ ё маъруф ба хонақоҳӣ саҳм гузоштаанд. Дар баробари ин бузургон бо баҳрагирӣ аз сарчашмаҳои зуҳури афкори фалсафӣ ва ирфонӣ Аҳмади Ғаззолӣ ҳамчун мутафаккир ва файласуфи ориф тавонист, ки мақоми махсуси худро пайдо намуда, барои таълифи кутуб ва рисолаҳои пубори ирфонию фалсафӣ дар ҷаҳоншиносии мардумони Машриқзамин саҳми босазое аз худ гузорад. Мусаллам аст, ки зиндагинома ва мероси адабиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ дар Тоҷикистон ҳанӯзам ба таври шоиста таҳқиқу баррасӣ нашудааст. Аз ин рӯ, бо итминон метавон изҳор дошт, ки диссертатсияи Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «**Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии насри Аҳмади Ғаззолӣ**» яке аз аввалин пажӯҳишҳое ба шумор меравад, ки на танҳо баррасии вежагиҳои насри адиб, балки таҳқиқи масоили марбут ба авзои адабии рӯзгори адиб, зиндагинома ва мероси адабии ӯ дар он ҷойгоҳи муҳим дорад.

Аз автореферати диссертатсия маълум мегардад, ки барои иншои ин таълифоти арзишманд диссертант ҷустуҷӯҳои фаровонеро ба сомон расонида, сарчашмаву таҳқиқоти зиёдеро дар адабиётшиносии ватаниву

хориҷӣ мутолеа ва дар ҷараёни таҳлилу баррасии масоили меҳвари таҳқиқ аз онҳо суд ҷустааст. Диду назари фарохи диссертант дар ҷараёни таҳлили пешинаи таҳқиқи мавзуъ дар муқаддима ҳақиқати ин амрро бозгӯй мекунад, зеро номбурда доираи васеи сарчашмаҳо, шуруъ аз тазкираҳои адабиву ирфонӣ то осори пажӯҳишии марбут ба Аҳмади Ғаззолиро дар ин бахши кори хеш муаррифӣ ва таҳлилу баррасӣ кардааст.

Ҳатто бахши муҳими мақолоти роҷеъ ба арзишҳои адабӣ, маърифати афкори фалсафиву ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ аз тарафи муҳақиқи диссертатисия дар адабиётшиносии ватаниву хориҷӣ ба қалам омадаанд.

Дар ҷараёни баррасии масъалаҳои меҳварии дисертатсия нахуст бар асоси манобеи илмиву адабӣ ва пажӯҳишҳои анҷомёфта шарҳи ҳол ва мероси адабии Аҳмади Ғаззолиро мавриди таҳқиқ қарор дода, муҳимтарин нукоти марбут ба рӯзгори адибро мушаххас кардааст.

Дар баробари ин, баҳсҳои диссертант роҷеъ ба таъсири афкори фалсафӣ ва ирфонии Аҳмади Ғаззолӣ дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ба адабиёти форсу тоҷик, инчунин муқоисаи андешаҳои фалсафиву ирфонӣ ва ҷаҳоншиносии вай низ ҷолиб ва қобили таваҷҷуҳ сурат гирифтаанд. Дар навбати аввал, тибқи муқоисаву муқобилаи осори Аҳмади Ғаззолӣ бо нашрҳои то кунун анҷомёфта шумораи анвоъи ашъори суханварро муқаррар ва осори мансурашро низ муайян намуда, роҷеъ ба муҳимтарин вежагиҳои онон, инчунин мундариҷаи асосии таълифоти насрии ин адиби ориф мулоҳизоти судманд баён доштааст. Ковишҳои илмии диссернант муқаррар намудаанд, ки махсусан забону сабки баёни китоби «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр»-и Аҳмади Ғаззолӣ ва мақоми он дар таҳаввулу такомули насри ирфонӣ бориз маҳсуб меёбад.

Дар боби савуми диссертатсия масъалаҳои марбут ба вежагиҳои забон ва шеваи нигориш, арзиши адабию ирфонии китоби «Савонеҳ» ва «Рисолат-ут-туюр» ва нақши Аҳмади Ғаззолӣ дар риволи насри ирфонӣ таҳқиқ шуда,

роҷеъ бар ҳар яке аз ин масоил бо зикри намунаҳо мулоҳизоти хешро мустанад гардонидааст. Баъдан шеваҳои корбурди саноеи бадеӣ чун ташбеҳу талмеҳ муболиға, таҷнис, ташхис, ва дигар воситаҳои фасоҳатбахши суханро ҳамчун муҳимтарин вежагии бадеии рубоиёти суханвар муқаррар намуда, дар доираи ин баҳс низ афкори худро бо истинод ба намунаҳои ин навъи шеърӣ собит кардааст.

Дар баробари ин дастовардҳои назарри илмӣ дар автореферати диссертатсия камбудиҳои ҷузъӣ низ ҷой доранд, ки ба эътибор гирифтани онҳо арзиши илмии корро афзун мегардонад:

1. Дар фасли савуми боби савуми диссератсия муаллиф корбурди ашъорро дар «Савонеҳ-ул-ушшоқ» ва "Рисолат ут-туюр мавриди баррасӣ қарор додааст. Аз таҳқиқи муҳақиқи диссертатисия маълум гашт, ки Ғаззолӣ дар асари аввал 115 байт истифода бурдааст, ки аз ҷумлаи онҳо 84 байт аз худи ӯст. Дар таркиби "Рисолат -ут-туюр" бошад 23 байт мавриди истифода қарор гирифтааст. Ба назари мо, бо сабаби он ки диссертант таҳқиқи бештари матншиносии ашъори адибро муайян сохтааст, хуб мешуд, дар ин баҳс бархе аз ашъори мавриди истифодаи вай дар таркиби девони шоирони дигарро ба таври муфассал мавриди таҳқиқ қарор диҳад.

2. Дар баъзе саҳифаҳои автореферат ғалатҳои техникӣ низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кори диссертант аст.

Албатта қайдҳои мазкур ҳаргиз ба аҳамияти илмии диссертатсия ҳеҷ таъсире надоранд. Ба таври куллӣ аз мутолеаи автореферати диссертатсия равшан мегардад, ки таҳқиқоти анҷомёфта саҳифаи тозае дар адабиётшиносии тоҷик ва равобити адабӣ буда, маҳсули ковишҳои зиёди илмии муаллифи он ба шумор меравад. Дар доираи мавзуъ ба нашр расонидани 12 мақолаи илмӣ худ гувоҳи ҷустуҷӯҳои босамари муаллифи он мебошад. Бар асоси ошноӣ бо автореферати диссератсия, мақолаҳои нашрнамуда метавон бар ин натиҷа расид, ки диссертатсияи **Саидғанизода Саидсултонхон дар мавзуи «Хусусиятҳои бадеӣ ва услубии**

**насри Аҳмади Ғаззолӣ»** ҷавобгӯи муқаррароти Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он шоистаи дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 6D021400- Адабиётшиносӣ (6D021403-Таърихи адабиёт, равобити адабӣ) мебошад.

**Муқарриз:** **Шокиров Ҷамшед Валиевич** – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон


**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, кӯчаи Р.Набиев 145 а
Тел: +(992) 92-755-96-95
E-mail: shokirovjamshed1985@gmail.com


Имзои Шокиров Ҷ.В. - ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон
Мирпоччоев И.Х.
“25” май 2023


**Маълумот барои тамос:**
Суроға: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1
www.tsulbp.tj
E-mail: tsulbp@rambler.ru
тел: 83422 2-38-11